Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи **«Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар таърихи илми педагогикаи тоҷик, маҳз дар ҳалли масъалаи мукаммалсозии тадрис, дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳо мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик саҳми босазо гузоштанд.

Масъалаҳои назариявии таълим ва ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар асарҳои олимони гузаштаю имрӯзаи соҳаи педагогика мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд. Чунончи, дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи онҳо масъалаҳои асосҳои дидактикии корҳои мустақилона дар раванди таълим, хусусиятҳои махсуси дарсҳои такрор ва ҷамъбастӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, масоили таълими тафриқа, таълими ҳамгиро, робитаҳои байнифаннӣ ва тафаккури эҷодии хонандагон, назария ва амалияи санҷиши дониш, маҳорату малакаҳои хонандагон дар таълими ин ё он фан ва амсоли инҳо ҳаллу фасл шудаанд.

Имрӯз шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа вазифаҳои таълимро зиёд ва гуногун гардонидааст, ки дар иртибот ба ин, дар назди муассисаҳои таълимӣ низ талаботи нав гузошта мешавад.

Дар чунин вазъият таъмини таълими босифату самаранок дар сатҳи зарурӣ мушкилтар гардида, зарурати дарёфти роҳу воситаҳо ва шаклу усулҳои нави таълим дар миён меояд.

Бо ёрии шаклу методҳои нави таълим зеҳну тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагонро инкишоф, ҳамзамон, донишҳои ҷамъбастӣ ва ҷаҳонбинии илмии ба мавқеи мубрами ҳаёти онҳо нигаронидашударо ташаккул додан мувофиқи мақсад аст.

Бо дарназардошти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ки дар онҳо вазифаҳои таълим ва таҳсилот дар шароити давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, махсусан, тайёр намудани шахсони соҳибмаълумоти дорои тафаккури эҷодӣ, донишҳои амиқ, ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, ватанпарастӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои умумибашарӣ, ҳуқуқ ва қонунҳои эътирофшуда нишон дода шудаанд, кори диссертатсионии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси

13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардидааст.

Гуфтан зарур меояд, ки хонандагон маҷмуи донишҳо ва маҳорату малакаҳои заруриро ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ дар тамоми давраи таҳсил ва дигар манбаъҳои илмию маърифатӣ ба даст меоранд. Асоси ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагонро ҷамъбаст, амиқию фароҳӣ, мураттабии донишҳо ва бошуурона азхудкунию татбиқи амалии онҳо ташкил медиҳад.

Дар автореферат дарҷ шудааст, ки дар илмҳои педагогикаю психология, методика ва амалияи таълим диққати зиёд ба амалигардонии принсипи дидактикию психологии шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон дода мешавад. Воқеан, бидуни шуурнокӣ, фаъолнокӣ, азхудкунии мустақилонаи маводи таълимӣ, идроки амиқи маводи тадрисшаванда, ҷамъбаст ва истифодаи он дар амал инкишофи зеҳнии шахсият аз доираи имкон берун аст.

Диссертант аз натиҷаи корҳои озмоишӣ ва саволу супоришҳо, ки дар онҳо донишу қобилият ва маҳоратҳои азхудшудаи хонандагон аз фанҳои адабиёт ва таърих мавриди санҷиш қарор гирифтаанд, изҳори нигаронӣ намудааст. Дар ҷавобҳо номукаммалӣ ва нопуррагии донишҳоро дида, сабабашро дар доираи маҳдуди донишу маҳоратҳо ва хуб ташаккул наёфтани онҳо мебинад. Аз ин ба хулоса меояд, ки донишҳои аксарияти талабаҳо дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд, дар хотир ҳифз нашудаанд ва устувору мураттаб нестанд.

Дар ин маврид Носиров С.Ш. қайд мекунад, ки “Сабабҳои ба чунин камбудиҳо роҳ додану ба мушкилӣ дучор омадани омӯзгорону хонандагон, пеш аз ҳама, бо донишҳои фаннӣ, мафҳумҳои илмӣ хуб мусаллаҳ набудани онҳо, махсусан, надонистани назарияи адабиёт, таърих ва ташаккул наёфтани қобилияту маҳорати таҳлили ғояҳои асосии асарҳои бадеӣ ва ниҳоят, донишҳои ҳаётӣ ва имкониятҳои таълимии хонандагонро ба ҳисоб нагирифтани омӯзгор мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки донишҳои заруриро аз худ намуда, бо маводи таълимии адабиёт, таърих, таҳлили хусусиятҳои он ва ба ҷамъбасту хулосабарорӣ дурусттар машғул шавад”.

Муҳаққиқ масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагонро мураккаб арзёбӣ намуда, дар баробари мушкилоту монеа ва омилҳои зиёдро ном бурдан, роҳҳои ҳал ва рафъи онҳоро низ зикр кардааст. Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит месозад, ки муҳаққиқ пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои мухталифи масъаларо равшан ва барои ташаккули дониш,

маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат манзур намудааст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро доро буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, мақсад, вазифа, фарзия ва аҳаммияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Умуман, мубрамии мавзуъ, натиҷаю хулосаҳои он ва тавсияҳои манзуршуда барои ҷомеаи навин басо муҳим мебошанд. Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода намуда, дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

Диссертатсияи илмии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи психологияи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Ашурова Дилором

Имзои Д. Ашуроваро тасдиқ мекунам. 14. 05. 2025

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға:* 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиева, 17/6
Тел.: (+992) 372-32-50-00;
Веб-сайт: http://ddzt.tj; E-mail: ddzt@ddzt.tj